PIAS

# Тавсиянома барои фермерон

Ҷилди 16



## ПАРВАРИШИ Нахӯд

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон» таҳия ва нашр карда шуд.

Ҳуқуқи муаллифӣ ба ин дастурамал танҳо моликияти Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ мебошад.

Ҳангоми истифода бурдан ва ё аз нав чоп кардани қисми мавод номи JICA бояд, ки дарҷ карда шавад.

**Муаллифон:**
Маҳмадёров Усмон -доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор
Ҷаборов Таваккал -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент
Шарипов Нурулло -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент
Рашидов Қаҳрамон -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент

**Мушовирон:**
Масаказу Канамото, Такеши Абе, Хироши Кикучи, Туракул Муродов

Душанбе – 2012

# МУНДАРИЧА

Маълумоти умумӣ / Хусусиятҳо ... 1

Навъҳо ... 1

Киштгардон ... 2

Нақшаи мавсимӣ барои кишт ... 2

- Тақвим ... 2
- Тайёр намудани тухмӣ ... 3
- Тайёр намудани замин ... 3
- Кишт ... 4
- Нигохубин ... 5
  - Парвариш ва нигоҳубин (Нуридиҳӣ) ... 5
  - Шудгор ... 6

Ҳосилҷамкунӣ ... 6

Касалиҳо ва хашаротҳо ... 6

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ / ХУСУСИЯТҲО




Нахӯд (Cicer oriet inum) ба оилаи лӯбиёгихо мансуб буда растании алафии яксола мебошад.

Дар қитъаи навъсанчии ноҳияи Темурмалик дар солҳои аз боришот таъмин 12-13с/га дон гирифта шудааст.Дар собиқ хочагии «Коммунизм»-и ноҳияи Данғара ҳосилнокии нахӯд ба 14-15с/га расида буд.



Нахӯд нисбат ба мушунг ва наск зироати ба хушкию гармӣ тобовар ва гармидӯст аст. Барои неш задани тухмӣ ва якса-ра баромадани майсаҳои нахӯд ҳарорати 6-7°С лозим аст. Дар давраи гулкунӣ ва пайдоиши ғилофак ҳарорати 23-26°С мусоид аст. Майсаҳояш ба сармои баҳорӣ (-5-6°С) тоб оварда, растаниҳои болиғ, сармои тирамоҳиро (-7-8°С) ба хубӣ аз сар мегузаронанд. Вобаста ба навъ, шароити хоку иқлим дар киштҳои баҳорӣ давраи нашъунамояш 80-100 рӯзро дар бар мегирад. Нахӯдро дар хокҳои шағалдор ва шурнокиашон паст низ парвариш кардан  мумкин аст.

Нахӯд бо қобилияти хуби тобоварӣ ба хушкӣ, гармӣ ва кам таъсир расонидани аз дигар растанихо бартари дорад. Нахӯд дар байни зироатҳои лубиёдонагӣ, барои минтақаҳои хушк ва лалмӣ зироати ивазнашаванда аст.

Нахӯд боз як хусусияти хуб дорад: дар вақти пухтанаш ғилофакҳояш намекафанд ва донаш пош намехӯрад. Нахӯд барои зироатҳои ғалладонагӣ ҳамчун ғункунандан нитроген пешкишти хуб аст.

## НАВЪҲО

| Навъ | Тасниф |
|---|---|
| **ВИР-32** | Ба хушкӣ на он қадар тобовар буда, сифатҳои лаззатиаш хуб мебошад. Дар киштҳои бахҳорӣ ба касалии аскохитоз бештар гирифтор мешавад. |
| **Муқтадир** | Навъи ба хунукиҳои зимистон тобовар ва миёнапаз буда, давраи пурраи нашъунамояш дар мӯҳлати киштхои тирамоҳӣ ба 170-185 рӯз баробар аст. Ғилофакҳояш  дар муқобили кафидан устуворанд. Чун навъи стандартии ВИР-32 ба касалихои аскохитоз ва фузариоз кам гирифтор мешавад. |

| | |
|---|---|
| **Зимистонӣ** | Ҳосилнокии миёнааш дар киштҳои зимистонӣ дар қитъаи навъсанчии ноҳияи Темурмалик 12с/га буд. Навъи миёнапаз буда, давраи пурраи нашъунамояш дар шароити ноҳияи Темурмалик 85-95 рӯзро ташкил медиҳад. Ба касалии аскохитоз устувор мебошад. |

## КИШТГАРДОН

**Чадвали киштгардон барои кишти нахуд (4 қитъагӣ)**

| Сол | Қитъаи замин | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1 | Нахуд | гандум | Гандум | Загир |
| 2 | Загир | Нахуд | Гандум | Гандум |
| 3 | Гандум | Загир | Нахуд | Гандум |
| 4 | Гандум | Гандум | Загир | Нахуд |

## НАҚШАИ МАВСИМӢ БАРОИ КИШТ

### ТАҚВИМ

**Замини лалми**



## ТАЙЁР НАМУДАНИ ТУХМӢ



Барои кишти нахӯд тухмиҳои баландсифату солим (кандисионӣ), беҳтараш дараҷаи якуме, ки тозагиашон аз 98% ва қобилияти нешзаниашон аз 95% паст нест, истифода мебаранд. Ба муқобили касалиҳои аскохитоз, фузариоз ва пӯсиши хокистарранг тухмиҳоро бо заҳрдоруи ТМТД (3-4 кг/т тухмӣ) 25-30 рӯз пеш аз кишт заҳролуд мекунанд. Пеш аз кишт бо мақсади пайдошавии бактерияҳои лундашакл тухмиҳоро бо ризоторфин ё нитроген бо меъёри (0.2-0.3 кг барои меъёри тухмии 1 гектар) омехта мекунанд. Бо тухмиҳо омехта истифода бурдани микронуриҳо, молибдену руҳ ҳосилнокии нахӯдро хеле зиёд мекунанд.

## ТАЙЁР НАМУДАНИ ЗАМИН



Барои беҳтар инкишоф ёфтани силсилаи решагии нахӯди киштҳои баҳорӣ, тирамоҳ дар чуқурии 25-28см шудгори саривақтии хушсифат мегузаронанд. Аввали баҳор бо мурури пайдоиши имконият ва расиши физикии хок майдонҳои шудгоршударо дар самти кундалангӣ сихмола мекунанд. Пеш аз кишт ба воситаи сихмола (дар чуқурии 7-8см) майдонҳо коркард гузаронида мешаванд.

Нахӯд махсусан ба нуриҳои фосфор ва калийдор эҳтиёҷманд аст. Пеш аз шудгори тирамоҳӣ дар заминҳои лалмӣ 40-50кг/га фосфорро ба намуди суперфосфат мепошанд. Дар вақти кишт 20-30кг/га нитрогенро дар қаторҳо барои таъмини талаботи растаниҳо ба ин моддаи ғизоӣ, то огози фурӯбарии нитрогени биологӣ ба воситаи бактерияҳои лундашакл истифода мебаранд.

## КИШТ

Кишти баҳорӣ дар мӯҳлатҳои мусоид, ҳангоми мӯътадил будани ҳаро-рати хок (5-6°С) дар чукурии тагихокшавии тухмихо гузаронида мешавад. Дар чукурии қарордошти тухмӣ бо термометри Савинова ки то 30 см нишон медиҳад ҳарорати хокро чен карда мешавад. Дар сурати вуҷуд надоштани касалии аскохитоз киштҳои зимистонае, ки моҳи декабр дар водиҳо (минтақаи Кӯлоб ва водии Ҳисор) гузаронида мешаванд, нисбати кишти баҳорӣ бештар ҳосил медиҳанд. Дар ҳолати паст будани ҳарорати ҳаво ва намии зиёди хок дар давраи нешзании тухмиҳо растаниҳо ба касалии аскахитоз бештар гирифтор мешаванд.

Натиҷаи тадқиқотҳои Бухориев Т.А., Имомов С.И. (2006) нишон медиҳанд, ки дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмин мӯҳлати кишти 15 ноябр имконият доданд, ки аз ҳар гектар 23.2 сентнерӣ ҳосил гирифта шавад. Ин миқдор ҳосил нисбат ба мӯҳлати 1 март 4.5 с/га ё 24% зиёд аст. Дар заминҳои аз алафҳои бегона тоза нахуд асосан бо усули муқаррарӣ (байни қаторҳояш 15 см) ба воситаи тухмипошакҳои ғалладонагӣ кишт карда мешавад.

Дар амалия нахӯд бо усули кишти тасмашакли дуқатораи байни тасмаҳо 45см ва байни қаторхо 15см низ кошта мешавад. Дар майдонҳое, ки алафи бегонаи бисёр доранд, кишт бо усули васеъҷӯякӣ, ки байни қаторҳо 45см-ро ташкил медиҳад, гузаронида мешавад. Ин усул имконият медиҳад, ки ҳангоми коркарди байни қаторҳо алафҳои бегона нест карда шаванд.

Дар шароити заминҳои лалмии води Ҳисор дар таҷрибаҳои М. Муродова ҳосили баланди нахӯд (16-17с/га) дар шароити истифодаи усули байниқатории 10см, тухмиҳо бо ризоторфин коркард гузаронида мешавад.

Дар киштҳои тирамоҳию зимистонӣ меъёри тухмиҳоро 10-15% зиёд карда, тухмиҳоро дар чуқурии 6-8см зери хок мекунанд.

Дар заминҳои сернам чуқур таги хок кардани тухмиҳо боиси бештар ба касалии аскохитоз гирифтор шудани растаниҳо мегардад.

**Тавсия!**

Дар заминхои аз алафхои бегона тоза нахуд асосан бо усули муқаррарӣ (байни қаторхо 15см) инчунин бо усули кишти тасмашакли дуқатораи байни тасмаҳо 45см ва байни қаторҳо 15см кошта мешавад.




**Усули<A>** **Усули<B>**

# НИГОҲУБИН

## ПАРВАРИШ ВА НИГОҲУБИН (НУРИДИҲӢ)

**Меъёри солонаи истифодаи нуриҳои минералӣ барои нахуд аз ҳисоби вазни физикии нурӣ**

| № | Номгӯи нурӣ | Меъёри истифодабарӣ |
|---|---|---|
| 1 | Нитрогени (селитраи аммоний) | 90кг/га |
| 2 | Фосфорӣ (суперфосфати муқаррарӣ ё оддӣ) | 280 кг/га |
| 3 | Калиги (сулфати калий) | 50 кг/га |
| 4 | Нурии органикӣ (махҳалӣ) | 10-15 т/ га |

## ШУДГОР

Дар сурати пайдо шудани сафолак онро ба воситаи шиббаҳои ҳалкашакл ё сихмолаҳои сабук дар самти кундалангии кишт коркард мекунанд. Дар киштҳои васеъҷӯяк ва тасмашакл байни қаторҳо ба воситаи нармкунак дар чуқурии 8-10см 1-2 маротиба нарм карда мешавад. Пас аз саросар баромадани майсаҳо майдонҳоеро, ки алафҳои бегона пахш кардаанд, ба воситаи сихмолаҳои сабук дар самти кундалангии ҷӯякҳо нарм мекунанд.

## ҲОСИЛҶАМКУНӢ

Ғилофакҳои нахӯд ҳангоми пухта расидан намекафанд, лекин ҳангоми даравидан шикаста меафтад. Аломати  пухтани дони нахӯд зардшавии ғилофакҳо ва сахтшавии онҳост. Ҳангоми пурра пухта расидан донҳо дар дохили ғилофак озодона ҳаракат намуда садо медиҳанд.

Нахӯдро бо усули яклухт тавассути комбайнҳои ғалладаравии нағз танзимёфта, ки пояҳоро паст бурида, устувонаи ғаллакубакаш дар як дақиқа 500 маротиба чарх зада, ба майдашавии донаҳо роҳ намедиҳад, ҷамъоварӣ мекунанд. Дар майдонҳое, ки алафҳои бегонаи зиёд доранд, ҳосил бо усули дудаврагӣ ҷамъоварӣ карда мешавад.

## КАСАЛИҲО ВА ХАШАРОТҲО

| Гербитсидҳо - заҳрдоруҳо мубориза бар зидди алафҳои бегона | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи зарaррасон | Яксолаи дупаллагӣ ва хушагӣ |
| Номгӯи пеститсид | Гезагард-50 % |
| Меъёри сарфаи захрдору | 4кг/га |
| Мухлати коркард | То сабзаи барвақта |

| Инсектидсидҳо - захрдоруҳо мубориза бар зидди ҳашаротҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи зараррасон | Ширинчаҳо |
| Номгӯи пеститсид | Суми алфа-5 % |
| Меъёри сарфаи захрдору | 0.3л/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо ва бевосита бо пайдошавии ҳашарот |

| Фунгитсидҳо – заҳрдоруҳо мубориза бар зидди касалии растаниҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи зарраррасон | |
| Номгӯи пеститсид | Олтингугирди хока Сулфур 80 % |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 15-30 кг/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо бо пайдошавии нишонаҳои авалини ка-сали |

| Заҳрдоруҳо барои коркарди бинои анборҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи зарраррасон | Захираи ҳашаротҳо<br>Бинои анборҳои маҳсулот надароварда |
| Номгӯи пеститсид | Фостак |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 0.4 мл/м$^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намноки, 200 мл, маҳлули кори ба 1м$^2$. даромадани одамон, даровардани бор ба анбор баъди 72 соати коркард |

| | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеъи раррасон | Захиараи ҳашаротҳо<br>Ҳудуди назди анбор |
| Номгӯи пеститсид | Каратэ |
| Меъёри сарфаи заҳрдору | 0.8 мл/м$^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намноки, 400мл, маҳлули кори ба 1м$^2$ |





PIAS

The Project for Improvement of Agricultural Extension Service through Reinforcing Agrarian Organization in Republic of Tajikistan

**Суроға:**
**тел: (+992 37) 221 44 03**
**ш. Душанбе, х.Рудаки 44,**
**ошёнаи 4-уми бинои Вазорати кишоварзии ҶТ**

Институти боғпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 21А,

тел.: 227 08 01

E-mail: bogparvar@mail.ru

Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 146,

тел.: 2246167, 2247198